«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Файзулло М.Қ.
«_17_»__05__ с.2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикруллоевич дар мавзуи: «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ, алалхусус дар давраи рақамикунонии соҳаҳои иқтисодиёт ва ҷоринамудани амалиётҳо ва хизматрасониҳои инноватсионӣ вазъи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии кишвар ҳарчанд, ки хуб арзёбӣ мегардад, аммо ҳамеша дар зери таҳдиди хатарҳои ногаҳонӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, қайд намудан зарур аст, ки талаботҳои аз ҷониби мақомоти назоратии бонкӣ муайянгардида, аз қабили ҳиссаи сармояи худӣ нисбат ба дороиҳо, пардохтпазирии ҷорӣ, ҳадди ниҳойии хавфҳо ва ғайра қатъӣ риоя гардад. Бинобар ин таҳлили нишондиҳандаҳои асосии ташкилотҳои қарзӣ дар диссертатсия баррасӣ гардида, баҳри муайян намудани ҳолати молиявии онҳо зарур мебошад.

Имрӯз дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи идоракунии дороиҳо, ухдадориҳо,сандуқи қарзӣ ва назорати хавф, ки бонкҳои тиҷоратӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд, яке аз мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои пешгирии хавф, он метавонад ба дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ таъсири зиёд расонида, тамоми нишондиҳандаҳои онҳоро манфӣ намояд.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳаллаи масъалаи мазкур аз ҷиҳати асосноккунии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ қадами пешоҳангӣ ба ҳисоб меравад. Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳое, ки дар боло зикр шуданд, коркарди нокифояи назариявии тадқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Вобаста ба ин муҳимияти мавзӯи интихобшудаи диссертатсия, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии он асоснок карда мешаванд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда;** Таҳқиқоти диссератсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисодӣ бозорӣ; 10.5. Устувории системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.16. Системаи мониторинг ва ояндабинии хавфҳои бонкӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ; 10.20. Таъмини молиявии фаъолияти бонкӣ. Маблағгузории ҳиссавӣ ва қарзии фаъолияти бонкӣ; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Ҳамаи марҳилаҳои татбиқи нақшаи рисолаи диссертатсионӣ, аз ҷумла таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои рисола бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Таҳқиқоти илмии унвонҷӯй дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми таълими фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Хавфҳои бонкӣ», «Менҷменти молиявӣ» истифода гардидааст.

Муаллиф дар раванди таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок оид ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва самаранокии он, ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани идоракунии сифати дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили механизми идоракунии он саҳмгузор мебошад. Натиҷаҳои тадқиқоти унвонҷӯй дар ҷараёни фаъолияти филиали ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" ҷорӣ карда шудааст.

**Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар конференсияҳои сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2019-2024 маъруза гардида, сазовори баҳои баланд гардидаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷалла ва нашрияҳое, ки ба рӯйхати маҷаллаву нашрияҳо, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Дар рисолаи илмии унвонҷуй Сафаров Сайфулло Зикруллоевич натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои нововарии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

- дар диссертатсия муаллиф асосҳои назариявию методии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро мушаххас намуда, дар ҷамъбасти натиҷаҳои назариявию методии адабиёти мавҷуда, таърифи такмилшудаи онро пешниҳод намудааст;

- муаллиф мушаххас намудааст, ки принсипҳо ва вазифаҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун омили таъмини устувории такилотҳои қарзӣ ва ба рушди соҳибкории хурд мусоидат намуда, ба фаъолияти муътадили низоми молиявӣ маъсири мусбӣ мерасонад. Ҳамзамон сарчашмаҳои маблағгузориҳо, роҳҳои беҳтар гардонидани сифати онҳо, усулҳои муосир ва самараноки баҳодиҳӣ ва роҳҳои дурусти идоранамоии онҳо дар натиҷа муайян карда шудаанд;

- дар таҳқиқот таҷрибаи давлатҳои хориҷии дуру наздик вобаста ба таъмини механизми устувории молиявӣ ва самаранок идора кардани захирахои бонкӣ омӯхта шуда, роҳҳои истифодаи имконпазири механизм ва методҳои идоракунии устувории молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;

- муаллиф вазъи муосири идоракунии устувории молиявии банкҳои тиҷоратӣ ва истифодаи онро таҳия намуда, дар самти идоракунии самараноки устувории молиявӣ вобаста ба таъсири ҳолати низоми бонкӣ, кифоятӣ, сатҳ ва сифати дороиҳо, роҳҳои таъмини устувории молиявии бонкххои тиҷороатӣ дар шароити имрӯза тавсияҳо пешниҳод намудааст;

- тағйиротҳои сифатии идоранамоии захираҳои бонкӣ аз тарафи муаллиф баррасӣ гардида, дар натиҷа механизмҳои асосноки идоракунии самараноки устувории молиявӣ аз нуқтаи назари паст кардани шиддати хавфҳо ва коҳиш додани таъсири омилҳои бухронӣ пешниҳод гардидааст, инчунин барои муайян намудани сифати маблағгузориҳо аз рӯи бозоргирии онҳо ва эътимоднокии мизоҷон нисбат ба бонкҳои тичоратӣ тавсияҳо дода шудааст;

- таҳқиқот нишон медиҳад, ки афзоиш додани захирахои молиявии бонкҳо ва роҳҳои пайдо намудани сарчашмаҳои ташаккули он дар сатҳи зарурӣ муайян гардида, вобаста ба самаранок истифодабарии онҳо ба самтҳои афзалиятнок ва паст намудани сатҳи таъсири хавфҳо ба онҳо тавсияҳо пешниҳод гардидаанд. Инчунин аз тарафи муаллиф моделе коркард гардидааст, ки тавассути он дурнамои нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро муайян намудан мумкин аст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии** таҳқиқот дар муайян кардани моҳияти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳҳои имконпазири ташаккули он, идоранамоӣ ва методи баҳодиҳии захираҳои молиявии бонкӣ ва истифодаи он барои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ таҷассум меёбад. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар фаъолияти амалӣ, инчунин,

поягузории илмии мансуб ба сатҳи сифати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба рушди минбаъдаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат намуда, пешниҳодҳои муаллиф ва асоси назариявии кор дар истифодаи самараноки захираҳои молиявии бонкӣ ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар самти фаъолияти бонкӣ истифода гардад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чуноне ки аз шиносоӣ бо муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшудаи унвонҷуй бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Сафаров Сайфулло Зикруллоевич ба талаботи бандҳои банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, мақсаду объект ва мавзуи таҳқиқот, навгонӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот дар идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби якум «**Асосҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир**» асосҳои назариявии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, дороиҳои бонкӣ ва идоранамоии онҳо, асосҳои метологӣ ва принсипҳои асосии арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар замони муосир ва таҷрибаи хориҷии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва имконияти истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Нуқтаҳои асосӣ ва

ҷолибтарини ин боб нисбати равишҳои назариявӣ оид ба мавҳуми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ақидаи олмони иқдисодшиноси ватанӣ ва хориҷиро омухта, таърифхои аз ҷониби онҳо пешниҳод гардидаро тарафдори менамояд, ба монанди Лукасевич М.Я. (саҳ. 18), Живалов В.Н. (саҳ. 24) ва Фетисов Г.Г.(саҳ. 26). Дар асоси омӯзиш ва таҳлили маводҳои омӯхташуда, таърифи муаллифии худро доир ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод менамояд (саҳ. 30).

Дар рисолаи илмӣ муаллиф асосҳои методологӣ ва принсипҳои ташкили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ба таври васеъ ва равшан нишон додааст. (саҳ. 32-34) Ин усулҳо ба боло рафтани нишондиҳандаҳои суботи молиявии бонкӣ, коҳиш додани сатҳи хавфҳо мусоидат менамояд ва дараҷаи эътимоднокиро ба бонк зиёд менамояд, зеро иқтисодиёти имрӯза бо назардошти муайянкунии хавфҳо, амалинамоии барномаҳои миллӣ, таҳлили равандҳои рушди иқтисодӣ, таҳияи стратегияҳои рушди соҳавӣ пешгӯинашаванда боқӣ мемонанд ва бонкҳои тиҷоратиро зарур аст то ҷаҳди худро ба субъектҳое, ки ояндаашон нисбатан пешгӯишаванда аст, сафарбар намуда, аз он натиҷаи дилхоҳашонро ба даст оранд. Чунки аз рӯи таҷриба он ташкилотҳои қарзӣ, ки ба ин масъала начандон аҳамияти ҷиддӣ доданд, ба ҳолатҳои вазнини молиявӣ дучор гардиданд.

Барои арзёбии усулҳои гуногуни идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ низомҳои баҳодиҳии (рейтинг) назорати бонкӣ вучуд доранд, ки дар рисолаи илмӣ оварда шуда, қисме аз онҳо зери таҳлили муаллиф қарор гирифтааст.

Яке аз самтҳои асосӣ барои дарёфти роҳҳои наву самаранок идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ба шумор меравад. Бинобар ин барои дарёфти низоми наву самараноки идоракунии он ва барои танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлили низоми молиявии худро бо низоми молияви ҷумҳуриҳои ҳамсоя, шарикони рушд ва давлатҳои дигари аз ҷиҳати низоми бонкӣ пешрафта ба роҳ мондан дуруст аст.

Дар боби дуюм **«Таҳлили ҳолати муосири низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи муосири устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва баҳодиҳии сифати онҳо, баҳодиҳии динамикии идоракунии самараноки захираҳои молиявии бонкӣ, арзёбии хавфҳои муосири низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба сифати фаъолият мавриди омӯзиш ва таҳқиқот қарор дода шудааст. Муалиф дар ин бобу зербобҳои он динамикаи тағйироти ҳаҷми нишондиҳандаҳои асосии бонкиро дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фаъолияти устувори низоми қарзӣ саҳми беандоза дорад, қайд намудааст. Инчунин, сифати сандуқи қарзӣ дар муайян намудани сифати дороиҳои онҳо нақши асосӣ дорад, ки дар рисолаи илмӣ оварда шудааст.

Муаллиф дар ин боб қайд намудааст, ки як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки ба раванди ташкили идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ шароит фароҳам меоранд, ба монанди суст будани механизми идоранамоии пардохтпазирӣ, кам будани боварии аҳли ҷомеа ба ташкилотҳои қарзӣ, саривақт қонеъ нанамудани талаботи мизоҷон бо дархости аввалин, рақобати маҳдуд дар байни ташкилотҳои қарзӣ бо сабаби кам будани шумораи онҳо, суст будани низоми иттилоот дар бораи қарзҳо ва дигар нишондиҳандаҳои бонкӣ, номувофиқатии дороиҳо ва уҳдадориҳои онҳо ва ғайра.

Инчунин, баҳри бештар гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ва кам шудани хавфи он муаллиф пешниҳод намудааст, ки сатҳи дониши молиявии аҳолӣ баланд бардошта шавад.

Вазъи идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар зербоби якуми боби мазкур бо нишондиҳандаҳои иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар давраи солҳои 2016-2023 таҳлили васеъ гардидаанд. Дар ин боб таҳлили молиявии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ гузаронида шудааст, ки сифати онҳо барои устувории молиявии бонк мавқеъи асосиро дорад.

Дар зербоби 2.3. ҷадвалҳои 2.6-2.10 ба таҳлили нишондиҳандаҳои воқеъии бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шудаанд, ки шартҳо ва талаботҳои нисбат

ба устувории молиявиро доранд аз ҷониби бонкҳо риоя шудаанд ва ба омилҳои таъсиррасон тобоваранд.

Дар боби сеюм **«Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои актуалии роҳҳои тақвият бахшидан ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои имконпазири кам намудани хавфи пастравии сифати дороиҳои ТМХ дар шароити имрӯза, роҳҳои таъмини устувории молиявӣ ва истифодаи самараноки дороиҳои ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Муаллиф дар ин боб зимни таҳлилҳо ба хулосае меояд, ки солҳои охир дар рушди ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор пешравиҳо то як андоза ба назар расида, ташаккули захираҳои онҳо низ дар ин давра назаррас мебошанд. Инчунин дар ин марҳила асосҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии бонкӣ вобаста ба тағйирёбии шароити иқтисодӣ таҳким бахшида шуданд. Ҳарчанд ки дар баробари ин дигар нишондиҳандаҳои бонкҳои тиҷоратӣ, аз қабили сандуқи қарзӣ, пасандозҳо, сармоя, шумораи мизоҷон дар ин марҳила афзоиш ёфтанд, проблеммаҳои ҳалношуда низ зиёд боқӣ монданд.

Дар ин робита, ба ақидаи муаллиф, ҷиҳати дастгирии рушди иқтисодиёт дар Тоҷикистон сатҳи маблағгузорӣ ва пасандозгузориро ҳаҷман рушд додан лозим меояд. Яке аз масъалаи актуалии ташаккули фаъолияти бонкӣ ин зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ва дар заминаи ин зиёд намудани захираҳои пулӣ ба даромад ва дороиҳо нигаронидашуда мебошад.

*Зимни таҳлил муаллиф ошкор менамояд, ки барои ташаккули захираҳо ва* баландбардории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст, то суғуртакунонии хавфҳоро аз ҷониби ширкатҳои суғуртавӣ истифода намуд. Инчунин пешниҳод карда шудааст, ки бояд тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонкҳои тиҷоратӣ ба санади меъёрии ҳуқуқии стандартҳои вуҷуддошта мутобиқ сохта шавад. Инҷо танзим ва назорати бонкҳои тиҷоратӣ саҳми

арзанда дошта, устувории ташкилотҳои қарзиро тавассути пешниҳодҳои тавсиявии худ ба танзим медарорад.

Дар боби мазкур алгоритми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби муаллиф таҳрези гардида, ҳашт давраро дарбар гирфта, саҳеҳ маънидод ва роҳҳои такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар нишон дода шудаанд.

Нуктаҳои муҳимтарини ин бахши диссертатсияро қайд кардан зарур аст, ки аз тарафи муаллиф дурнамои нишондиҳандаҳои асосии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нишон дода шудааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

**Баҳои автореферати рисолаи илмӣ.**

Автореферат пурра ба мазмун ва мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ мувофиқ буда, ба талботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй буда, мазмуну мухтавои навгониҳои асосии рисоларо дар бар гирифта, мақолаҳои илмии муаллиф (10) вобаста ба мавзуи диссертатсионии мазкур чоп шудаанд.

**Дар қисмати хотимавии тақриз овардани хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби якуми боби аввал нуқтаи назари олимони ватанӣ доир ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар як ҷадвал оварда шудааст (саҳ. 29-30). Шояд муаллиф таъриф ва ақидаҳои олимони ватаниро ба монанди олимони хориҷӣ васеътар дида мебаромад баҳои дисертатсия дигар мегардид.

2. Расми 2.2. ва диаграммаи 2.1. ба зинаҳои сохтор ва таносуби низоми бонкии ватанӣ бахшида шуданд. Ба назари мо нишон додани онгҳо дар боби мазкур зарурати илмӣ надорад.

3. Расми 2.3. ба чаҳор бонкҳои муфлис эълон гардида бахшида шудааст. Муаллиф нисбати ин бонкҳо хулосаи худро дар 2 банд нишон додааст, аммо сабабҳои асосии ҷавобгӯй набудани онҳо ба талаботҳои БМТ (кадом талаботҳо), ки ба муфлисшавӣ расонид, оварда нашудааст.

4. Диаграммаи 2.3. тамоюли рушди инфрасохтори бонкӣ номгузорӣ шудааст, аммо дар матни болотар аз диаграмма динамикаи рушди инфрасохтори пардохтӣ омадааст, ки ислоҳро талаб менамояд.

5. Зербоби 3.2.Механизми идоракунии устустувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ номгузорӣ шавад беҳтар аст. Ин номгузорӣ ба мавзӯъи диссертатсия ва боби сеюм мутобиқ мегардад.

6. Аз адабиётҳои истифодашудаи дар рӯйхати адабиётҳо ҷой додашуда бармеояд, ки маводҳои илмии 7-8 соли охир кам дар кам истифода шудаанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии кори диссератсиониро тағйир намедиҳанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсияи тақризшаванда.**

Дар маҷмуъ, кори диссератсионӣ дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии банкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта буда, хислату мазмуни илмию амалӣ дошта, муаллифи он Сафаров Сайфулло Зикруллоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м № 10, аз 16.05.2025). Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 13, зид, бетараф нест.

**Раисикунандаи ҷаласа:**
мудири кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон, н.и.и., дотсент Шарифов Т.А.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон — Кодирова М.Д.

**Ташхисгар:**
н.и.и., дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон — Миразизов А.Ҳ.

Имзоҳои Шарифов Т.А. ва Миразизов А. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсуси ДСРТ — Раҳимов А.А.

**Суроға:**
734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе к. Мирзо Турсунзода 30
Тел: (992) 37 221-35-50
E-mail: p.rektora@mail.ru
Сомона: www.rtsu.tj